**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ »**
Ректори Донишгоҳи давлатии
Омӯзгории Тоҷикистон ба номи
С.Айнӣ, доктори илмҳои таърих,
профессор ________ Ғаффорӣ Н.У.
«19» марти с. 2019

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи **Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна** ба мавзӯи: ***«Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбӣ (дар маводи омӯзиши забони англисӣ)»,*** дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна соли 1999 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраеvро бо ихтисоси муаллими забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ хатм кардааст.

Дар давраи тайёр кардани диссертатсия, унвонҷӯ **Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна** ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи «Методикаи таълими забони англисӣ» фаъолият мекард.

Шаҳодатнома доир ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти № 04/34 аз 27.06.с.2018. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ додааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Авғонов С.С.

Аз рӯи натиҷаҳои баррасии диссертатсия Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна ба мавзӯи:«Ташаккулёбиии қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ донишҷӯён дар

раванди таҳсилоти касбӣ (*дар маводи омӯзиши забони англисӣ*)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Саҳми шахсии муаллиф аз он иборат аст, ки:**

- дар асоси таҳлилҳои адабиёти илмию педагогӣ, психологию педагогӣ ва методологӣ, маҷмӯи усулҳои гуногуншакли якдигарро пурракунандаи ҷамъоварӣ ва коркарди маводи таҷрибавӣ муайян карда шуданд;
- бо кори таҷрибавию ҷустуҷӯӣ исбот карда шуд, ки истифодаи маҷмӯи усулҳо, ба проблемаи мазкури омӯзишӣ ва ба мақсадҳои кори таҳқиқот пурра мутобиқ мебошанд, инчунин барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ҷиҳати давомнокии таҳқиқоти озмоишӣ кифояанд;
- тавсияҳои педагогӣ оиди дар амалияи педагогӣ самаранок истифода бурдани усулҳои таълим ва тарбияи насли наврас дар рушди муосири ҷамъият такмил дода шуданд.

**Эътимодият ва асоснокии натиҷаҳои ҳосилшуда** аз тавсияҳо ва хулосаҳои таҳқиқот бармеоянд, ки дар фаъолияти макотиби таҳсилоти умумии ш. Душанбе, муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимон амалан истифода шуданд, ки боасос будани проблема ва муқаррароти методологии таҳқиқотро собит сохта, фарзия ва ғояҳои пешбари таҳқиқотро тасдиқ карданд.

**Навовариҳои илмӣ**:

- муқаррароти назариявӣ доир ба қонуниятҳои ташаккули қобилиятҳои коммуникативию нутқии донишҷӯён муайян карда шуданд;
- таҳлили ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои гуманитарии Тоҷикистон гузаронда шуд;
- мундариҷаи алоқаи мутақобили таҳсилот доир ба омӯзиши забони англисӣ дар асоси забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии гуманитарии Тоҷикистон такмил дода шуд;
- таъмини технологӣ дар асоси забони тоҷикӣ ба омӯзиши забони англисӣ ҷалб кардани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии гуманитарӣ такмил дода шуд;
- роҳҳои ташаккули қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар

шароити омӯзиши забони англисӣ дар асоси забони тоҷикӣ муайян карда шуданд.

**Муҳиммияти назариявию амалии таҳқиқот** аз коркарди вариантҳои оптималии истифодаи усул, тарзу воситаҳои нав ва тағйирёбиҳои онҳо, пешниҳод кардани намунаи мундариҷа ва аз истифодаи воситаҳои техникии таълимӣ иборат аст.

Таҷрибаи хулосавӣ (ҷамъбастшуда)-и омӯзиши забони англисӣ дар асоси забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии гуманитарии Тоҷикистон, ки ташаккул ва инкишофи онро дар шароити хоси ҷумҳурӣ инъикос менамояд, натанҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти калони амалӣ низ дорад.

Мундариҷа, хулосаҳо ва пешниҳодоти аз таҳқиқоти илмии мазкур бароянда ро омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муаллимони мактабҳо, литсейҳо, колледҷҳо ва дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимон бо мақсадҳои мукаммалагрдонии минбаъдаи таълим, инчунин олимон дар кори илмию таҳқиқотии худ истифода карда метавонанд.

Маводи диссертатсия инчунин барои такмили барномаҳо ва тартиб додани китобҳои дарсӣ асос шуда метавонад.

**Арзиши диссертатсия** аз натиҷаҳои ҳосилшуда, муқаррарот ва хулосаҳои таҳқиқот иборат аст, ки якчанд маротиба дар семинарҳои илмию методӣ, ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумӣ, факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии педагогии Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ баррасӣ шуда буданд; дар семинарҳои илмию методии аспирантон ва унвонҷӯён дар шаҳру вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуданд. Маҷмӯи коркардшудаи тавсияҳои илмию методӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар кори амалиявии педагогҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, волидайн ва марказҳои таълимӣ истифода шуда метавонанд.

Тавсияҳои такмилшударо ба курсҳои таълимии лексияҳо дар соҳаи педагогика ва методикаи тарбия ва таълим, аз ҷумла доир ба омодасозии амалии донишҷӯён аз фанҳои «Методикаи таълими забонҳои хориҷӣ», «Таҷрибаи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ» ва дар курсҳои такмили ихтисоси педагогҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаъолияткунанда, инчунин ба дастурҳои методии муассисаҳои тахассусии таҳсилотӣ (курсҳои таҳсилоти иловагӣ) дохил кардан мумкин аст.

Мундариҷаи асосии диссертатсияро 26 (бисту шаш) нашри муаллиф, аз инҳо 4 (чор) мақола дар маҷаллаҳои такриздиҳанда ва тавсиядиҳандаи КОА ташкил мекунанд:

**I. Мақолаҳои илмие,ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Мавлонова И.Т. Применение ролевых игр на уроках английского языка. // Вестник педагогического университета (Таджикистан) / Научный журнал. - Душанбе, 2010. - № 1 (35) - С. 145-150.

2. Мавлонова И.Т. Развитие коммуникативных компетенций студентов младших курсов в процессе изучения английского языка. // Вестник педагогического университета (Таджикистан) / Научный журнал. - Душанбе, 2014.- № 6 (61) - С. 197-201.

3. Мавлонова И.Т. Критерии, показатели ва признаки эффективности общепедагогической подготовки будущих учителей. // Вестник педагогического университета (Таджикистан) / Научный журнал.-Душанбе, 2015.- № 3 (64)-С.32-35.

4. Мавлонова И. Т. Кор бо хонандагон дар самти қобилияти нутқӣ-коммуникативӣ яке аз масъалаҳои педагогии имрӯз. // Вестник педагогического университета(Таджикистан)/Научный журнал.-Душанбе,2015.-№1(62-1)-С.215-218.

5.МавлоноваИ.Т.Ташаккулёбииқобилиятифардиихонандагон.//Материалы республиканскойнаучно-практическойконференции.«Эффективностьобучения иностранным языкам в вузе».-Душанбе,2013.-С.24-28.

6. Мавлонова И.Т. Использование приемов интерактивного обучения в развитии коммуникативной компетенции при обучении английскому языку. // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему»Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи тарҷума ва забоншиносӣ».Душанбе-2014.-С.89-93

7. Мавлонова И.Т. Формирование и развития личности в философских психолого-педагогических исследованиях. // Материалы республиканской научно-практической конференции. « Актуальные проблемы лингвистики в

обучении иностранных языков; практика, развитие, перспективы».- Душанбе, 2015.-С.89-94.

8. Мавлонова И.Т. Технологическое обеспечение изучения английского языка на базе таджикского у студентов в языковых вузах Таджикистана.»Материалы международной научно-практической конференции,посвященной75-летиюобразованияфакультетромано-германских языков 22-23декабря 2015 года».Душанбе-2016.-С.153-157.

9. Мавлонова И.Т. Мушкилиҳои психологии омӯзиши забонҳои хориҷӣ. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба соли рушди сайёҳӣваҳунарҳои мардумӣ«Забон–пайвандгари тамаддунҳо». Душанбе-2018.-С85-87.

10.Мавлонова И.Т. Ташкили технологияи муосири ҳамкории педагогӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ. «Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ,бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ» (21-уми феврали соли 2019) Душанбе-2019.-С180-183.

11.Мавлонова И.Т. Истифодаи айёният воситаи муҳими инкишофи ваҷҳиёти коммуникативӣ дар омӯзиши забони англисӣ. «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ,тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ». Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба амалигардонии «Барномаи давлатии омӯзиш ва такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020».Душанбе-2019.-С48-50.

12. Мавлонова И.Т. Воситаҳои ҳавасмандгардонии хонандагондар ҷараёни таълими забони англисӣ. «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ,тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ». Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба амалигардонии «Барномаи давлатии омӯзиш ва такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020».Душанбе-2019.-С46-48.

Диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи: :«Ташаккулёбиии қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбӣ (*дар маводи омӯзиши забони англисӣ*)» ба талаботи КОА-и ҶТ ба

шифри ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии педагогии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, суратҷаласаи № 4 аз 25 феврали с.2019 қабул карда шудааст.

Иштирок карданд 18 нафар.

Қарор бо як овоз қабул шуд. «Тарафдор» - 18 нафар. «Зид» – нест.

«Бетараф» - нест.

Мудири кафедраи педагогикаи умумии
Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иматова Л.М.

25 феврали 2019с.

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, (рақ.моб.934662002), imatoval@mail.ru
Сомонаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ: www.tgpu.tj

Имзои доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иматова Л.М.

Тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Назаров Д. Қ.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС